**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.

_______________

“___” _______09_______ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзуи диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон ба масъалаи мубрами илми педагогика бахшида шудааст. Мавзӯи омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити муассисаҳои олии таълимӣ яке аз масъалаҳои калидии баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки бе истифодаи усулҳои интерактивӣ донишандӯзӣ шакли фаъол намегирад ва талаботи ҷомеа қонеъ карда намешавад. Аз ҳамин лиҳоз, мавзуъ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад.

Дар рисола самтҳои назариявии омодасозии омӯзгорони оянда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф моҳияти педагогӣ ва равонию дидактикии усулҳои интерактивиро возеҳ шарҳ додааст. Ҳамзамон шароит ва омилҳое нишон дода шудаанд, ки ба самаранокии таълими интерактивӣ мусоидат мекунанд. Ин ҷанбаҳо сатҳи илмии таҳқиқотро боло мебардоранд.

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.**

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мутобиқат менамояд.

Муҳтавои диссертатсия пурра ба ихтисоси «Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ» мувофиқат мекунад. Мавзуи омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ яке аз самтҳои калидии педагогикаи олӣ маҳсуб мешавад. Тадқиқот аз дидгоҳҳои назариявӣ ва методӣ асоснок шуда, ба мақсад ва вазифаҳои соҳаи илм ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, кор дорои мувофиқати пурра бо соҳаи эълоншуда мебошад.

Дар рисола масъалаҳои назариявии таълим ва таълими интерактивӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда таҳқиқ шудаанд. Ин масъалаҳо мустақиман ба педагогикаи касбӣ ва тайёр кардани мутахассисони сатҳи олӣ алоқаманд мебошанд. Ҳамзамон, ҷанбаҳои дидактикӣ, методӣ ва равонӣ дар доираи ихтисоси интихобгардида қарор доранд. Бинобар ин, муҳтаво ба соҳаи илмии эълоншуда комилан мутобиқ аст.

**Мубрамии мавзуи диссертатсионӣ.** Дар давраи истиқлолияти давлатӣ рушди воситаҳои компютерӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ имконият дод, ки муҳити нави иттилоотию таълимӣ дар низоми маориф бунёд гардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ислоҳоти муассир дар сохтори таҳсилот шарти асосии пешрафти фарҳанг ва маориф мебошад. Ин изҳорот зарурати баланд бардоштани сифати таҳсилотро тавассути дониш ва фаъолияти эҷодии омӯзгорону донишҷӯён тақвият мебахшад.

Имрӯз ҷомеа аз муассисаҳои таълимӣ мутахассисони соҳибихтисос ва дорои малакаҳои коммуникатсионии таҳаммулпазиронаро дархост мекунад. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ зарурати бознигарии мундариҷа, шакл ва усулҳои таълимро пеш меорад. Ин раванд омодагии омӯзгоронро ба корбурди воситаҳои интерактивӣ тақозо мекунад, ки барои баланд бардоштани сифати таҳсилот нақши калидӣ доранд.

Бо вуҷуди тағйироти солҳои охир, истифодаи усулҳои интерактивӣ дар фаъолияти омӯзгорон то ҳол пурра самаранок нест. Зарурати таҳқиқи илмии равандҳои мавҷуда ва ҷустуҷӯи моделҳои нави педагогӣ эҳсос мегардад. Гузариш ба марҳалаи нави рушди таҳсилоти миллӣ истифодаи муассири технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро талаб мекунад, ки ин масъала мубрамии мавзӯи таҳқиқотро комилан асоснок месозад.

**Дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ.** Масъалаи омодасозии омӯзгорони оянда ба истифодаи усулҳои интерактивӣ дар илмҳои педагогӣ дар тадқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар Тоҷикистон тадқиқотҳо бештар ба самтҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, такмилдиҳии малакаҳои касбӣ ва татбиқи усулҳои инноватсионӣ равона гардидаанд. Бисёре аз муҳаққиқон масъалаи воридсозии усулҳои интерактивиро дар низоми таҳсилоти олӣ муҳим арзёбӣ намудаанд. Бо вуҷуди ин, тадқиқоти мукаммал оид ба асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда то ҳол пурра анҷом дода нашудааст.

Дар адабиёти илмии хориҷӣ низ масъалаи тайёр кардани мутахассисон ба истифодаи усулҳои интерактивӣ мавқеи хосро ишғол мекунад. Муаллифон самаранокии технологияҳои таълимии навро дар рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои муошират ва ташаккули масъулияти иҷтимоии донишҷӯён нишон додаанд. Аз ҷумла, истифодаи усулҳои интерактивӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани фаъолнокии

таълимӣ ва эҷодкории донишҷӯён қайд карда мешавад. Ин тадқиқотҳо барои таҳқиқоти ватанӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти илмии ватанӣ ҷанбаҳои назариявию амалӣ то ҳадде омӯхта шудаанд, вале онҳо паҳлуҳои ҷудогонаи масъала, аз ҷумла истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ё ташкили машғулиятҳои алоҳидаро фаро мегиранд. Модели мукаммал ва низоми умумии тайёр кардани омӯзгорон ба таълими интерактивӣ то ҳол таҳия нашудааст. Ин ҳолигӣ зарурати таҳқиқоти навро тақозо мекунад. Аз ҳамин сабаб, мавзуи диссертатсионӣ дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** таҳия ва асоснок намудани асосҳои педагогии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ, бо назардошти хусусиятҳои раванди таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Объекти таҳқиқот** - фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

**Предмети таҳқиқот** - раванду шартҳои омодагии омӯзгориояндаи фанни информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим.

**Саҳми шахсии муаллифи кор дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот:** банақшагирӣ, интихоб ва асоснок кардани мубрамии мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайянкунии мақсад, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам кардани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва нашр кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва навиштани диссертатсия ифода ёфт.

**Сохтори диссертатсия.** Мантиқи ҳалли пайдарпаи вазифаҳои он таъйин кард. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, 21 расм, 12 ҷадвал, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Матни диссертатсия дар 163 саҳифаи чопи компютерӣ баён шудааст. Рӯйхати адабиёт 220 номгӯйи манбаъҳои илмӣ ва илмӣ-методиро фаро мегирад.

Ҳар як бахши диссертатсия бо мазмун ва мантиқии таҳқиқот мувофиқ буда, натиҷаҳои илмӣ ба таври муайян ва муътамад асоснок гардидаанд.

Муаллиф дар баробари таҳлили назариявӣ ҷиҳатҳои амалӣ ва методиро низ пешниҳод намудааст. Дар рисола модели педагогии ташаккули омодагии касбӣ ба таълими интерактивӣ таҳия гардидааст. Ин модел дар фаъолияти таълимии донишҷӯён санҷида шуда, натиҷаҳои мусбат ба даст оварда шудаанд. Ҳамин тариқ, кори илмӣ аз санҷиши таҷрибавӣ ҳам гузаштааст.

Хусусияти мусбати рисола дар он аст, ки муаллиф тавонистааст усул ва воситаҳои методии зарурӣро асоснок намояд. Маводи пешниҳодгардида ба такмили барномаҳои таълимӣ ва курсҳои бозомӯзии омӯзгорон кӯмак мекунад. Ҳамчунин, тавсияҳо метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорони ҷавон истифода шаванд. Ин ҷиҳат нишон медиҳад, ки тадқиқот арзиши амалӣ дорад.

Бо вуҷуди дастовардҳо, баъзе ҷанбаҳо такмил мехоҳанд. Пеш аз ҳама зарурати таҳлили муфассали таҷрибаи хориҷӣ ва муқоисаи он бо шароити Тоҷикистон эҳсос мегардад. Ҳамчунин тавсеаи тадқиқоти таҷрибавӣ бо ҷалби муассисаҳои гуногуни таҳсилоти олӣ ба манфиат мебуд. Ин пешниҳодҳо барои комилтар намудани таҳқиқоти оянда аҳамият доранд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯхта шудани масъала, ҳадаф, объект ва предмети таҳқиқот муқаррар шудааст. Ҳамчунин вазифаҳо, методҳо, соҳаи татбиқ, марҳалаҳо ва пойгоҳи иттилоотию озмоишӣ муайян гардида, боэътимодии натиҷаҳо, навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ

асоснок шудаанд. Дар баробари ин, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои илмӣ-методӣ баён гардидаанд.

Дар боби якум таҳти унвони «**Асосҳои назариявӣ ва методологии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ**» моҳият, мундариҷа ва аҳамияти воситаҳои интерактивӣ муайян карда шудааст. Имкониятҳои педагогии онҳо ва усулҳои назорату баҳодиҳии дастовардҳои таълимии омӯзгорони оянда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ғайр аз ин, тарҳрезии педагогии омодагии омӯзгор ба истифодаи воситаҳои интерактивӣ анҷом дода шудааст.

Дар фасли якум низ масъалаҳои татбиқи васеи воситаҳои интерактивӣ баррасӣ шуда, таъсири онҳо ба сифат ва мазмуни таҳсилот асоснок шудааст. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки истифодаи мақсадноки ВИТ имконият медиҳад омӯзгор нақши «фасилитатор»-ро ба зимма гирад. Ин нақш бо шароити муосири таълим мувофиқ буда, ба эҳтироми шахсияти донишҷӯ, эътирофи имкониятҳои инфиродӣ ва рушди ҳамҳиссӣ такя мекунад. Ҳамин тавр, мавқеи омӯзгор дар раванди таълим дигаргун шуда, ҳамкорӣ ва дастгирии фаъолро таъмин менамояд.

Дар фасли дувуми боби якум «Хусусиятҳои низоми омода намудани омӯзгорони оянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон дода мешавад, ки инноватсияҳои таълимӣ пеш аз ҳама бо истифодаи методҳои интерактивӣ вобастаанд. Омӯзгори оянда дар раванди таълими интерактивӣ ҳамзамон нақши ташкилкунанда, мушовир ва роҳбаладро иҷро намуда, бо истифода аз воситаҳои гуногуни фикрӣ-техникӣ, иҷтимоию техникӣ ва равонию техникӣ фаъолияти таълимиро ҳамоҳанг месозад.

Методҳои гуногуни кори гурӯҳӣ ва байнигурӯҳӣ - аз ҷумла модератсия, мубоҳиса, нақшофарӣ, драматикунонӣ, ҳуҷуми зеҳнӣ ва дигар шаклҳои интерактивӣ - мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Онҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки муҳити фаъоли ҳамкориро ташкил намуда, донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи мустақилонаи дониш ва ҳалли

мушкилот ҷалб намоянд. Омодагии педагогӣ ва равонии омӯзгорони оянда ба ин раванд кафолат медиҳад, ки онҳо дар вазъиятҳои касбӣ-педагогии интерактивӣ фаъолона ширкат варзанд.

Дар идома, зарурати истифодаи воситаҳои муосири баҳодиҳӣ, аз қабили низоми модулӣ, кредитӣ ва портфолио асоснок шудааст. Воситаҳои мазкур имкон медиҳанд, ки дастовардҳои инфиродии донишҷӯён объективона арзёбӣ гарданд ва рушди шахсиятӣ ва касбии онҳо равшан намоён шавад. Ҳамин тариқ, истифодаи технологияҳои интерактивӣ ва инноватсионии назорату баҳодиҳӣ заминаи устувори баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои олии кишварро фароҳам меорад.

Дар фасли сеюми боб масъалаи «Нақши усулҳои интерактивӣ дар омодагии касбии омӯзгорони оянда» баррасӣ шудааст. Муҳокима нишон медиҳад, ки омодагии педагогии омӯзгори оянда барои татбиқи самараноки таълими интерактивӣ муҳим аст ва танҳо дониши назариявӣ кофӣ нест. Омӯзгор бояд малакаҳои коммуникативӣ, истифодаи методҳои махсус, ҳамгироии таҷҳизоти интерактивӣ ва таҳияи ВИТ-и шахсии худро дошта бошад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки омодагии омӯзгор ба ВИТ тавассути ташаккули ангезиш, малакаҳо ва салоҳиятҳои касбӣ сурат мегирад. Мақсадҳои асосӣ дар раванди омодагӣ иборат аз рушди ангезаи таҳия ва истифодаи ВИТ, дарёфти захираҳои таълимии интерактивӣ ва истифодаи таҷҳизоти компютерӣ мебошанд. Ҳамин тавр, тарзи таълими интерактивӣ маҳорати амалии омӯзгорониояндаро такмил медиҳад ва сатҳи дастрасӣ ба донишҳои технологӣ ва педагогиро баланд мебардорад.

Омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи ВИТ се сатҳ дорад: паст, миёна ва баланд, ки ҳар кадом аз дараҷаи ташаккули ҷузъҳои таркибӣ вобаста аст. Раванди ташаккули омодагӣ дар се марҳала — ангезишӣ, технологӣ ва ташкилӣ-методӣ - амалӣ мешавад. Аз

ин рӯ, тарҳрезии педагогии омодагӣ бояд сохторманд, марҳилавӣ ва боэътимод бошад, то омӯзгор барои таълими интерактивӣ дар мактаби олӣ омода бошад.

Боби дувуми диссертатсия «**Корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ оид ба омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ**» аз ду фасл иборат мебошад. Фасли якум «Технологияҳои таълими интерактивӣ дар раванди омодагии омӯзгорони оянда» ба таҳлили низоми методии таълим ва муайян кардани ҷузъҳои ташаккули омодагии омӯзгориояндаи информатика барои истифодаи ВИТ равона шудааст. Ҷузъҳо аз мақсаднокӣ, мундариҷавӣ ва протсессуалӣ ташкил ёфта, алгоритми таҳияи ВИТ ва аҳамияти портфолио ҳамчун воситаи баҳодиҳӣ низ баррасӣ шудаанд.

Фасли дувум «Тавсифи корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ оиди омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ» натиҷаҳои озмоиши педагогиро дар се марҳала — муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва баҳодиҳанда — таҳлил мекунад. Озмоиш дар байни донишҷӯёни курси 4-ум ва омӯзгорони информатика гузаронида шуда, сатҳи омодагии онҳо ба истифодаи ВИТ муайян гардидааст. Натиҷаҳо нишон доданд, ки аксари омӯзгорон барои истифодаи ВИТ омода нестанд ё онро нокифоя истифода мебаранд, ва маводҳои таҳиякардаи онҳо бештар ҳамчун ёрирасон истифода мешаванд.

Аз ин рӯ, таҳлили ду фасл нишон медиҳад, ки технологияҳои педагогӣ барои тарҳрезӣ ва ташаккули самараноки омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивӣ муҳим ва зарур мебошанд. Ин модел ба баланд бардоштани малака ва омодагии донишҷӯён барои истифодаи ВИТ дар раванди таълим мусоидат мекунад.

Дар фасли сеюми рисола «Арзёбии самаранокии омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ» натиҷаҳои марҳилаи озмоишии тадқиқот таҳлил гардидаанд. Натиҷаҳо самаранокии

равишҳои инноватсионии омӯзишро дар такмили салоҳиятҳои касбии донишҷӯён, аз ҷумла истифодаи ВИТ, ташкили муҳити интерактивӣ ва таҳияи захираҳои рақамии таълимӣ тасдиқ менамоянд. Модели озмоишӣ бо иштироки гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ татбиқ гардида, таъсири мусбати барномаҳои махсуси тайёриро ба сатҳи омодагии омӯзгорони оянда нишон дод. Таҳлили натиҷаҳои ташхисӣ самаранокии технологияи пешниҳодшударо ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани сифати тайёрии педагогӣ муайян намудааст.

Диссертатсияи муҳаққиқ бо мазмуни баланд, услуби илмӣ ва таҳлилҳои воқеӣ таҳия шудааст. Ҳар як қисм бо далелҳои назариявӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот асоснок гардидааст. Муаллиф тавонистааст равиши мукаммали таҳқиқоти педагогиро дар амал татбиқ кунад. Сохтори рисолаи илмӣ мантиқӣ, пайдарҳам ва мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст. Ин мақолаҳо масъалаҳои калидии таҳқиқотро фаро гирифта, мазмуни диссертатсияро пурра инъикос мекунанд. Ҳамчунин, муаллиф дар якчанд конференсияҳои илмӣ ширкат варзида, бо натиҷаҳои кори худ баромад намудааст. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби ҷомеаи илмӣ пазируфта шудаанд.

**Эрод ва камбудиҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар таҳқиқоти мазкур якчанд норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Хуб мешуд, дар рисола бештар таҷрибаҳои мактабҳои олии касбӣ оид ба истифодаи ВИТ дар шароити гуногуни мактабҳои олӣ ба таври кофӣ таҳлил мегардиданд ва муқоисаи онҳо оварда мешуд.

2. Дар ҳолати дар рисола овардани муаммо ва мушкилотҳои истифодаи ВИТ дар шароити гуногуни мактабҳои олӣ имкон медод, ки сифати рисола боз ҳам беҳтар ва баландтар гардад.

3. Таҳқиқот асосан ба адабиёти миллӣ ва чанд тадқиқоти хориҷӣ такя кардааст, вале таҷрибаҳои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар истифодаи интерактивӣ ва технологияҳои педагогӣ камтар мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пуррагӣ муҳтавои диссертатсияи мазкурро инъикос намудааст. Дар мақолаҳои илмии муаллиф низ муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи **«Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонзода Нигина Қурбон иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 14 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ аз 4-уми сентябри соли 2025, №1/2).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф.А.

4.09. 2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.